# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи **«Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, (13.00.05-03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мавзуи рисолаи диссертатсионии интихобкардаи З.Усмонов хеле мубрам ва барои илми педагогикаи иҷтимоӣ хеле муҳим буда ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикӣ бахшида шудааст. Актуалӣ, будани мавзуи мазкур аз он бар меояд, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда ба сиёсати имрӯзаи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нигаҳдорӣ ва ҳифзи тамаддун ва арзишҳои фарҳанги пурғановати миллӣ равона карда шуда, дар замони Истиқлоли давлатиро соҳиб гардидани ҷумҳурӣ як марҳилаи нави таърихиро тай карда истодааст, эҳё ва рушду нумӯи он дар кишвар таъмин гардидааст.

Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ҳалли як проблемаи муҳими дигар ба миён омадааст, ки ин аз тамаддун ва арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ оқилона ва самаранок истифода бурдани насли наврас мебошад, ки он махсусан дар тарбияи муҳассилин аҳаммияти бағоят калон дорад.

Вобаста ба ин муаллифи рисолаи диссертатсионӣ проблемаи ташаккули фарҳангии зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳои самти фаъолияташон техникиро объекти таҳқиқот қарор додааст.

Чи тавре, ки аз таҳлилу муқоисаи асару мақолаҳо ва рисолаҳо доир ба мавзуи диссертатсия маълум гардидааст, проблемаи мазкур дар адабиёти илмӣ ва илмӣ-методӣ инъикоси худро пурра наёфтааст. Аз ҷониби олимони соҳаи фалсафа, сотсиология, эстетика, педагогика ва психология моҳият, сохтор, вазифаҳо ва таъиноти тарбияи эстетикӣ муайян гардида, хусусиятҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар низоми маориф ва фарҳанг, функсияҳои иҷтимоии он дар ҷомеа, инчунин, нақши он дар ташаккули шахсият хеле амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Вале проблемаи гузошташуда - функсияи тарбиявӣ-эстетикии коллеҷро дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг предмети омӯзиш қарор додааст, ки то андозае ҳалли пурраи худро наёфтааст ва ин ҷиҳат боиси интихоби мавзуи таҳқиқотии рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён» гардидааст.

Аппарати илмӣ ва сохтори рисолаи таҳқиқотӣ дуруст таҳия гардида, ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Ҳадаф, вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуъ (предмет)-и он дақиқ муайян ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷиҳати назариявӣ дуруст асоснок карда шудаанд.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ бори аввал кӯшиш ба харҷ додааст, ки истифодабарандагон ва пешбарандагони арзишҳои фарҳанги эстетикиро дар низоми маориф ва фарҳанг баррасӣ намуда, ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳангро дар тарбияи эстетикии донишҷӯён ошкор созад ва механизмҳои самараноки тавсеаи онро дар амал ҷорӣ намояд. Ин нукта дар шароити гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна зуҳуроти ифротгароӣ ва тақлид ба фарҳанги бегона хеле муҳим ва зарурияти аввалиндараҷа пайдо кардааст.

Саҳми бевоситаи З.Ҷ. Усмонов дар заминаи таҳлилу баррасӣ мушкилот ва камбудиҳои тарбияи эстетикии мутахассисони ояндаи соҳаи техникӣ ошкор карда шудаанд ва роҳҳои мукаммалгардонии ҳалли онҳо тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва васила озмоишҳои педагогӣ собит гардидаанд. Ба назари мо, ин паҳлуи проблема ва ҳалли он арзиши диссертатсияи номбурдаро боз ҳам дучанд мегардонад ва он сазовори баҳои арзанда мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** – шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикӣ (зебоипарасти) - и хонандагон ва дарёфти роҳҳои ҳамкории коллеҷҳои муосири ҷумҳурӣ ва муассисаҳои фарҳанг дар такмили ин унсури муҳими тарбиявӣ дар шароити ҳозира мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст**, ки унвонҷӯ доир ба консепсияи интегративии тарбияи эстетикӣ хулосаҳои хешро баён дошта шартҳои педагогии кори эстетикӣ-тарбиявии муассиаҳои таълимӣ ва фарҳангро дар ин самт асоснок намудааст.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқот ва натиҷаҳои онро омӯзиш ва расонидани ёрии методию амалӣ ба омӯзгорон, устоҳои таълимиву истеҳсолӣ ва кормандони соҳаи маорифу фарҳанг ҷиҳати ташкили кори самарноки тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҳамкории функсионалии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ташкил додааст.

Рисолаи диссерататсионӣ аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Муаллиф адабиёти зиёди назариявӣ-методологӣ ва илмӣ- методиро доир ба мавзуи тарбияи эстетикӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор дода, аз таҷрибаи кори коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар шаҳрҳои аҳолиашон камшумор (ш. Панҷакент) ва дигар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ хеле хуб истифода бурда, таклифу пешниҳоди омӯзгорон ва кормандони фарҳангро вобаста тавсеа

бахшидани ташаккули фарҳанги касбӣ ва эстетикӣ истифода бурдааст. Функсияи тарбиявӣ-эстетикии ин ниҳодҳои муҳим, ҳамкории мутақобилаи онҳоро бори аввал дар ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқот қарор додааст.

**Дар боби якуми диссертатсия, ки** «Ташаккули фарҳанги донишҷӯёни коллеҷҳо чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ» номгузори шудааст, унвонҷӯ бар асоси мушоҳида ва мутолиаи адабиёти фалсафӣ, сотсиологӣ, эстетика, равонию педагогӣ шартҳои иҷтимоӣ-педагогии беҳтар намудани кори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонаводаро дар тарбияи эстетикӣ ошкор сохта, аз ҳар ҷиҳат шарҳу маънидод намудааст ва таваҷуҳи бештар ва андешаҳои хешро ба таҳқиқи масъалаи ҳамкории коллеҷу муассисаҳои фарҳанг ва пешниҳоди хулосаҳои илмӣ додааст, ки онҳо ҳамчун роҳнамои илмӣ-методӣ хизмат карда метавонанд.

Унвонҷӯ бар асоси далелҳо собит сохтааст, ки дар мавриди ташаккули шахсияти комил ва тарбияи фарҳанги зебоипарастӣ нақши фанни эстетика ва этика, омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ-истеҳсолии коллеҷ хеле муҳим аст. Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳанг онҳо метавонанд кори тарбияи эстетикиро боз ҳам хубтар ба роҳ монда, самаранокии онро таъмин намоянд. Вобаста ба ин, дар диссертатсия таҷриба пешқадами коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарасӣ ҷамъбаст карда шуда, барои беҳтар намудани кор дар ин самти тарбиявӣ, таклифҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

Дар **боби дувуми рисолаи диссертатсионӣ** «Шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён» натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ҷамъбаст ва аз онҳо натиҷагирӣ карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, тавсияҳои рисола ба такмил додани низоми тарбияи эстетикӣ равона карда шудаанд.

Бояд зикр кард, ки натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омадаи унвонҷӯ, махсусан ҳангоме ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» бо тағйиру иловаҳои нав қабул ва татбиқ шуда истодааст, хеле муҳим ва заруритяи аввалидараҷаи иҷтимоӣ пайдо мекунад ва кори тарбиявии волидайнро ҷиҳати ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои ичтимоӣ-тарбиявии ҷомеа, фаъол мегардонад.

Дар таҳияи мавзуи рисолаи диссертатсионӣ унвонҷӯ эҷодкорона муносибат карда, аз натиҷаҳои таҳқиқот дуруст хулосабарорӣ намуда, ақидаҳои хешро доир ба номувофиқатии проблемаи мазкур иброз

медорад. Дар диссертатсия таҳлилҳои воқеъбинона ва мушаххас низ ба чашм мерасанд.

Аз ҷиҳати забонӣ кор хуб таҳия карда шуда, таҳрир дуруст карда шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ аст.

Ба сифати тавсия ҳаминро зикр карданиам, ки дар оянда унвонҷӯ доираи ҳамкории коллеҷҳои техникиро бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ васеътар менамуд. Хуб мешуд, ки ин паҳлӯи диссертатсия васеътар матраҳ карда мешуд.

Хулоса, автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, (13.00.05-03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мушовири ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода М.

**Имзои Раҷабзода М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИНПҶТ Зоирхонзода Ф.З.

«02» 04 соли 2025

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носиров, 33,
тел.: (+992) 988926333; E-mail: rmg-2013@mail.ru